# Аксари занони Тоҷикистон пас аз хондани ин ҳикоя қисса худро хоҳанд шинохт.



*Дар акс: Назокат Хоҷиматова, мизоҷи барнома. ш. Бохтар, 2018 с.*

Ин ҳикоят дар бораи Нозокат мебошад, ки бо вуҷуди душвориҳои зиёд барои ноил шудан ба орзуяш ҳамеша ба пеш меравад.

Дар хурдсолӣ Нозокат дар бораи ҳаёти хушбахтона, дар бораи шавҳари хуб, дар бораи хонаи пур аз хандаҳои кӯдакон, дар бораи файзу баракат дар хонадон, дар бораи муҳаббат ва ҳамдигарфаҳмӣ орзу мекард. Бо вуҷуди ин, ҳаёт пешгӯинашаванда аст ва гоҳо «тӯҳфаҳои» аҷоиби худро тақдим менамояд.

Ҳоло Назокат 31 сол дорад ва дар хонаи падару модараш дар шаҳри Бохтар зиндагӣ мекунад. Вай ду маротиба издивоҷ кардааст, аммо ӯ то ҳол ба орзуҳояш нарасидааст: ӯ на хонаю дар, на шавҳар ва на фарзанд дорад.

Назокат бори аввал дар 20 солагиаш ба шавҳар баромад. Аммо афсӯз баъд аз се моҳи зӯроварию хушунати доимӣ дар оилаи шавҳараш, ӯ маҷбур шуд, ки аз шавҳараш ҷудо шавад. Нӯҳ сол пас Нозоқат бо шавҳари дуюмаш шинос шуд, ки одами хуб менамуд. Маҳбуби Назокат бо волидони ӯ вохӯрда, ваъда дод, ки духтарашонро хушбахт мекунад. Бо розигии падару модараш, ӯ Нозокатро ба Москва бурд. Дар ибтидо ҳама чиз хуб буд, шавҳараш кор мекард ва оилаашро хуб таъмин мекард, муомилаи хуб дошт. Назокат фикр мекард, ки вай зани хушбахттарин дар дунё аст. Аммо хушнудии Нозокат тӯлонӣ набуд. Як рӯз ба хонаи Назокат зане меояду худро ҳамчун зани шавҳари Назокат муаррифӣ мекунад. Маълум шуд, ки шавҳари ӯ соҳиби зану панҷ фарзанд будааст. Нозокат қарор дод, ки ҳама чизро аз шавҳараш мепурсад, аммо ба ҷои он, ки шавҳараш бо ӯ гуфтугӯ карда ҳама чизро фаҳмонад, вай ӯро латукӯб кард. Шавҳари Назокатро гӯё иваз карда бошанд, ӯ комилан одами дигар шуд.

Баъд аз муддате, Нозокат фаҳмид, ки ҳомиладор шудааст. Назокат аз хурсандӣ ба худ ҷой намеёфт, зеро ӯ ҳамеша дар бораи фарзанд орзу мекард. Назокат фикр кард, ки шавҳараш ин хабарро шунида хурсанд мешавад ва онҳо ҳамчун пештара хушбахтона зиндагонӣ мекунанд. Назокат хабари хушро ба шавҳараш гуфт, аммо ӯ ба ҷои хурсандӣ Назокатро латукӯб карад. Боз ҷангу ҷанҷол ва таҳқир сар шуд.

«*Ӯ маро чунон сахт мезад, ки ман беҳуш мешудам, бадани ман ба як халтаи каб кабуд табдил меёфт. Ман ӯро хеле метарсидам... Ҳар пегоҳ ман худро ба латукӯбҳои нав тайёр мекардам. Ман намедонистам, ки дар бораи ғаму андӯҳи худ бо кӣ сӯҳбат кунам, дардамро ба кӣ гӯям. Ман ҳатто телефон надоштам, ки ба падару модарам занг занам,дӯсте надоштам, ки дардудил кунам. Аз хона гурехтан ҳам наметавонистам, охир бе пул дар шаҳри бегона ман ба куҷо мерафтам...* ", - нақл мекунад Назокат.

Зани якуми шавҳар тез-тез ба хонаи Назокат меомадагӣ шуд, вай ба Назокат гуфт, ки шавҳари онҳо “нашъаманд” аст. Шавҳараш зани якуми худро, бародари хурдиаш ва келинашонро низ ҳамеша латукӯб мекардааст.

Нозокат мехост, ки ба Тоҷикистон баргардад, кӯдакро таваллуд кунад ва ӯро мустақилона калон кунад, вале шавҳараш Назокатро маҷбур мекард, ки ӯ кӯдакашро таваллуд накунад ва барои исқоти ҳамл (аборт) истодагарӣ мекард. Ӯ дар бораи фарзанд чизе шунидан намехост. Сарфи назар аз латукӯб, Нозокат ташрифи худро ба духтур ба қафо мепартофт. "*Вақте ки ҳаёт тоқатнопазир шуд, ман фикр кардам, ки кӯдаки ман аз латукӯбҳои мунтазам дар ботини ман зинда намемонад ва ман қарор додам, ки ба назди духтур равам. Духтурон гуфтанд, ки мӯҳлати ҳомиладории ман аллакай хеле калон аст ва аборт дар ин мӯҳлат хатарнок аст. Онҳо ба шавҳарам фаҳмонданд, ки ман ҳанӯз таваллуд накардаам, ва ман метавонам дар оянда бефарзанд шавам. Аммо ӯ парво надошт, ӯ дар бораи исқоти ҳамлкунӣ исрор кард, ва табибон ин корро карданд*» - бо чашмони пур аз ашк нақлашро давом мекард Нозокат.

"*Баъди чанде бародарам ба Москва барои коркунӣ омад. Вақте, ки ӯ маро дид ва қиссаи манро шунид, ӯ фавран маро ба Тоҷикистон, ба хонаи волидонам фиристод*” - мегӯяд Назокат.



*Дар акс: Равиши омӯзиш дар кошонаи ҳусни «Ясмина».*

Ба хона баргашта Нозокат қарор кард, ки дигар ҳеҷ гоҳ ба назди шавҳараш, ки доимо ба ӯ занг зада ӯро таҳдид мекард ва маҷбур мекард, ки ба Москва ояд, барнамегардад.

"*Вақте ки ман ба хона баргаштам, хеле хароб шуда будам, тамоми баданам, махсусан миёнам, ки ба он ҷо шавҳарам маро ҳамеша бо мушту пойҳояш мезад, хело дард мекард. Ӯ маро ба таври даҳшатовар мезад. Ман саломатиамро аз даст додам, кӯдакамро гум кардам. Ман намедонистам, ки чӣ кор кунам ва ба куҷо равам*”, - мегӯяд Назокат.

"*Рӯзе апаам ба ман дар бораи ташкилоти AFEW-Тоҷикистон нақл карда гуфт, ки ин ташкилот ба заноне, ки ба вазъияти душвори зиндагӣ дучор шудаанд, кӯмак мекунад. Ин ташкилот ба аппам низ, ки тез-тез ба онҷо меравад, кӯмак кард. Ва ман тасмим гирифтам, ки барои ёрӣ ба ин ташкилот мурочиат кунам”*, - мегӯяд Назокат.

"*Дар AFEW- Тоҷикистон маро хело самимӣ пешвоз гирифтанд ва нақли маро дар бораи зиндагиам гӯш карданд. Кормандони иҷтимоии ташкилот маро боват кунонданд, ки ман танҳо нестам ва онҳо ба ман кӯмак мерасонанд*", - мегӯяд Нозокат.

Бо кӯмаки кормандони иҷтимоӣ Назокат аз санҷиши пурраи тиббӣ гузашт, машварати мутахассисони тиббиро гирифт ва муолиҷаи заруриро қабул намуд.

Баъд аз ба охир расидани табобат, кормандони иҷтимоии AFEW - Тоҷикистон дар мувофиқа бо Маркази таълими калонсолон, Назокатро ба курсҳои омӯзиши ҳунари «устои ороиши мӯйсар» фиристониданд.

"*Ман хушбахтам, ки занонро зебо карда метавонам. Ман ҳамеша мехостам ин ҳунарро омӯзам ва мӯйсари занонро бо тарзи гуногун ороиш диҳам. Кормандони AFEW-Тоҷикистон ба ман кӯмак карданд, ки ман омӯзишро гирам ва манро дар кошонаи ҳусни "Ясмина" дар ҳайси шогирд ба кор монданд. Малика, ки дар кошона устоди ман мебошад, аз ман хеле хурсанд аст. Ҳангоме, ки ман шаҳодатномаи устоиро мегирам, метавонам кори доимӣ пайдо кунам ва ба мизоҷони худ хурсандӣ орам*", - анҷом дод нақли худро Назокат.

Ҳикояи Назокат, яке аз ҳикояҳои бисёри занони осебпазир мебошад, ки дар доираи лоиҳаи «Коҳиши норасоӣ: саломатӣ ва ҳуқуқҳои гурӯҳҳои осебпазир аҳолӣ -2,0» дастгирӣ меёбанд. Лоиҳаи зерин аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Нидерландия маблағгузорӣ шуда аз тарафи Ташкилоти Ҷумҳуривии Ҷамъиятӣ "AFEW-Тоҷикистон" амалӣ мегардад.